СУЛТОНМУРОДИ ОДИНА

# МЕҲРОБИ УМЕД

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2004

ББК 84 тоҷик 7-4
О-90

Муҳаррир ***НИЗОМ ҚОСИМ***

*Султонмуроди Одина*. **Меҳроби умед**.
— Душанбе: «Адиб», 2004. 48 саҳ.

Муаллифи ин китоб умедро меҳроби дил қарор додаву пайваста ба он рӯи саҷда меорад.

Умедворем, ки меҳробаш устувор бимонаду умедаш - таскинбахши дилҳои беқарор.

**© Султонмуроди Одина, 2004**

## ЗИНДАГӢ

Хандаҳоям қандҳои зиндагист,
Ашкҳоям фандҳои зиндагист.

Дардҳои бедавои синаам
Аз китоби пандҳои зиндагист.

Даста-даста доруҳои кисаам
Бори дому бандҳои зиндагист.

Ин ҳама дарду давои беҳисоб
Акси чуну чандҳои зиндагист.



# ҚАДРИ ЯКДИГАР

Гарчи яктои замину қутби давронем мо,
Дӯстон, дар ин ҷаҳон дурӯза меҳмонем мо.

Бо ҳама шӯру ғуруру нозу истиғнои худ
Қадри ин меҳмонии худ лек кай донем мо?

Дар талоши зиндагӣ сад фитна барпо
кардаем,
Боз аз фанду фиреби умр ҳайронем мо.

Мурдан аз рӯзи азал бар зиндагон
меросӣ аст,
Лек умре дар талоши кандани ҷонем мо.

Хештанро меҳвари олам шуморем аз ғурур,
Гарчи як зарра зи гарди хоки кайҳонем мо.

Қадри ҳам донем, ҷоно, то азизи
ҳам шавем,
Гар гадою бенавою шоҳу Султонем мо.

## ДАВРИ БОЗОР

Даври бозор аст, ёрон, рӯ ба бозор оваред,
Ҳарчи доред, он фурӯшед, ҳарчи ёбед, он
харед.

Мактабу таълиму дарсаш вақти дигар
мешавад,
Дафтари ақлу хирад бар хоки рӯи
раҳ баред.

Гарчи ҳамчун шоиру олим ба дунё омадед,
Баҳри ризқу рӯзӣ акнун ҷома бар
тан медаред.

Қатрае гар з-оби даври шӯравӣ нӯшидаед,
Орзӯи шаҳди онро то қиёмат мебаред.

Сарватеву сарвареву мансабе доред агар,
Андар ин айём нури дидаву тоҷи саред.

Гар шумо бошед Султон ҳам, вале дар ин
замон
Бе зару сарват ба чашми халқ кам аз
чокаред.

## ОН ГАҲ БА ҚАДРАМ МЕРАСӢ

Рӯзе, ки рафтам аз барат, он гаҳ ба қадрам
мерасӣ,
Берун шудам чун аз дарат, он гаҳ ба
қадрам мерасӣ.

Бо дигарон дил бастаӣ в-аз ёри худ
бигсастаӣ,
Бишкаст ҳар гаҳ соғарат, он гаҳ ба қадрам
мерасӣ.

Дар даргаҳи ту чокарам, чун чокарак чак
мезанам,
Вақте ки гум шуд чокарат, он гаҳ ба
қадрам мерасӣ.

Болор кардам аз хасе, кас сохтам аз нокасе,
Гум кардӣ ин карру фарат, он гаҳ ба
қадрам мерасӣ.

Бо карру фар, эй каҷкулаҳ, каҷ-каҷ макун
бар мо нигаҳ,
Афтад кулаҳ чун аз сарат, он гаҳ ба
қадрам мерасӣ.

Мағрури боли худ шудӣ ҳамчун уқоби
тезчанг,
Чун бишканад болу парат, он гаҳ ба
қадрам мерасӣ.

## ЧӢ ДОНӢ?

Дур аз Ватан нарафта, қадри Ватан чи донӣ?
Гулро назар накарда, қадри чаман чи донӣ?

Аз рӯи дил агарчи дорӣ ту меҳрубонӣ,
Чун дарди ман надонӣ, пас қадри ман чӣ донӣ?

Ин кӯҳи Қоф аз чи - лофу газоф аз чӣ?
Як сатр нонавишта, қадри сухан чи донӣ?

Дардат набуда бар дил аз ишқи ёри хушгил,
Сӯзи наве ту аз он дарди куҳан чи донӣ?

То аз азоби ҳиҷрон бар лаб наоядат ҷон,
Қадри висоли ёри нозукбадан чи донӣ?

❁ ❁ ❁

То насӯзӣ, чун бисозӣ ин ҷаҳони хомро,
Шишаи холӣ куҷо донад садои ҷомро?

Аз замини шӯра, эй ҷон, кай бирӯяд
найшакар,
Бо шакар гуфтан набитвон кард ширин
комро.

Қатраи борон чу гарде гарчи дорад
вазн, лек
Бетанаффус чак-чакаш охир шикофад
бомро.

Гуфтани ҳарфи хуше душвор бошад
гар туро,
Ҳам наовар бар забони хештан дашномро.

Тоҷикистон оқибат гулгашти олам
мешавад,
Кош Султон низ, ё раб, бинад он айёмро!

# БЕГОНАПАРАСТӢ

Бо ғайр бупайваставу аз хеш гусастем,
Сад ҳайф, ки мо мардуми
бегонапарастем.

Аз иллати бегонапарастии худ имрӯз
Безобита чун моҳии афтода ба шастем.

Дар боғи пур аз ҳосили айёми навоин
Фарсуда дарахтем, ки як мева набастем.

Ҳамсоя агар роҳ бубандад, гила беҷост,
Эй вой, ки аввал худи мо роҳ бубастем!

Бигзаштаи худ ёдкунон фахр намоем,
Аз иллати ин фахраки ночой нарастем.

Афсӯс, ки мо ҷумла ҳамонем, ки будем,
Афсӯс, ки мо ҷумла ҳамонем, ки ҳастем!



# БАС АСТ

Ҷабру ҷафоҳо ин қадар бар ҷони ман
кардӣ, бас аст!
Бехонаву дар бар дару зори Ватан кардӣ,
бас аст!

Аз шохи гул, аз барги гул шабнам ба рӯям
мечакид,
Чун булбули шӯридаам дур аз чаман
кардӣ, бас аст!

Бар пайкари ҳаммеҳани дур аз ватан ҷон
додаат
Ту хоки мулки ғайрро атри кафан кардӣ,
бас аст!

Ҳамқисмату ҳаммаслаку ҳамхок ҳастем,
эй азиз,
Аз ҷаҳл чанде, ҷони ман, гар мову ман
кардӣ, бас аст!

Эй ҳамватан, андар амал бояд ватандорӣ
кунем,
Ту аз ватандорӣ басе ширин сухан кардӣ,
бас аст!

## ҒАНИМАТ ДОН

Ману ту бо ҳамем,эй ҷон,
Ҳамин дамро ғанимат дон!
Нигаҳ ҳайрону дил рақсон,
Ҳамин дамро ғанимат дон!

Нишин паҳлӯи ман як дам,
Зи дастам гиру шав ҳамғам,
Ғамамро дур кун, ҷонон,
Ҳамин дамро ғанимат дон!

Дар ин фурсат, ки мо шодон,
Сабӯ дар дасту гулгардон
Кунем афлокро ҳайрон,
Ҳамин дамро ғанимат дон!

Лаби дарёи Чангобем,
Зи бахти хеш шодобем,
Чу мавҷи ҳалқасон печон
Ҳамин дамро ғанимат дон!

Чи хуш бошад, ки ҳастӣ ту,
Ману ин рӯд масти ту,
Аё, эй сарвари мастон,
Ҳамин дамро ғанимат дон!

Ба хонат луқмаи нонат,
Насиби кист ин хонат?
Насибат ин замон бистон,
Ҳамин дамро ғанимат дон!

Маро сели даводавҳо
Зи маҷро кай бурун орад,
Дар ин раҳ гаштаам Султон,
Ҳамин дамро ғанимат дон!



## ҒАЗАЛИ ГУЛ

Омадӣ, хуш омадӣ, эй дӯст, дар
давриони гул,
«Хайра мақдам» гӯядат, инак, лаби
хандони гул.

Гул фурӯшад кӯҳу саҳро ранг-рангу сад
рақам,
Гулфурӯшон гашта ҳайрони худу
ҳайрони гул.

Лаб чу гул, рухсора чун гул, қадду қомат
мисли гул,
Ёри мо дар худ таҷассум карда
боғистони гул.

Хун шуда моро дил андар ҳасрати лаъли
лабаш,
Хуни дилҳо ҷамъ орад аз замин
домони гул.

Барқ чашмак мезанад бар рӯи гулзор аз
ҳавас,

Раъд қарсак мезанад, бинад агар
чавлони гул.

Банда Султон аст, лекин бандаи ҳусни
гул аст,
Хонад, аз ин рӯ, чу булбул қиссаву
дастони гул.



## ОРЗӮИ ДИЛ

Ба хобам омадӣ, ҷоно, биё дар вақти
бедорӣ,
Бидонам то ки дорам ман дар ин дунёи
дун ёре.

Бубин, гул з-ашқи булбул чун қадаҳ
саршор медорад,
Худоё, кош омӯзӣ аз ӯ дарси вафодорӣ.

Сар аз хоки дари ту ҳеҷ гоҳе барнамедорам,
Агарчандам ту бинвозӣ, агарчандам
биозорӣ.

Туро бо нархи ҷон хоҳам харидорӣ кунам,
эй гул,
Ҷуз ин чизе надорам ман дар ин даврони
бозорӣ.

Чи кулфатҳо, ки омад бар сарам аз ишқи
он гулрӯ,
Набинад ҳеҷ кас, ё раб, ба олам инчунин хорӣ.

Ба ҳаққи он ҳама ранҷе, ки дид андар
раҳи ишқат,
Ба Султони ҷаҳони ғам бикун лутф аз
раҳи ёрӣ.

## РАҚС КУН!

Эй гули садранг, баро, рақс кун,
Бо лаби пурханда биё, рақс кун.

То ки кунад рақс дилу ҷони ман,
Бо дили пурмеҳру вафо рақс кун.

Рақси туро дида бирақсад фалак,
Пар бизану бол кушо, рақс кун.

Бӯсагаҳи бод бувад доманат,
Каф бизану зери наво рақс кун,

Даст бизан, чарх зану пой кӯб,
Дарди маро карда даво, рақс кун,

Рақс кунанд аз нигаҳат ахтарон,
Эй бути хуршедлиқо, рақс кун.

Об кунӣ ҷони маро, ҷони ман,
Ҷон биситон, чеҳра намо, рақс кун.

Кӯҳу чаман, дашту даман аз ҳавас
Бӯса занад пои туро, рақс кун!

## МУРОҶИАТ

Эй осмон, эй осмон, эй осмони беканор,
Бар тори сар мехоҳамат як умр софу
беғубор.

Эй офтоб, эй офтоб, эй офтоби ҷовидон,
Бар кӯи ман, бар сӯи ман бошӣ ҳамеша
нурбор.

Эй орзӯ, эй орзӯ, эй орзӯи бекарон,
Хоҳам, ки ҳамболат шавам, мисли ту
бошам болдор.

Эй зиндагӣ, эй зиндагӣ, эй зиндагии пур
зи гул,
Гулбоғи дилро сер кун аз савти гулбонги
ҳазор!



## РӮДИ ЧАНГОБ

Дар чанги рӯди Чангоб
Мӯ карда шона маҳтоб,
Ҳамчун парии обӣ
Берун барояд аз об.

Истора акси худро
Бинад дар оби Чангоб.
Дар он бишуста рӯяш,
Хуршед хезад аз хоб.

Тиру камони Рустам
Аз мавҷи ӯ бихезад.
Бар хӯшаҳои ангур
Сад ранги худ бирезад.

Ҷонбахшу рӯҳафзост
Савту суруди Чангоб.
Набвад дигар ба олам
Рӯде чу рӯди Чангоб.

Рухсори гулрухонаш
Пурнур аз ӯ чу оташ.
З-ӯ себи лаб-лаби об
Гардад хушобу дилкаш.

Аз савти шӯхи Чангоб
Дил банда шуд ба дилбар.
Аз саркашию мастиш
Моем шӯху қайсар.

Гар бишнавӣ ту боре
Шеъри равони Чангоб,
Хоҳӣ ҳамеша будан
Андар карони Чангоб.

## ДАР БЕМОРИСТОН

Даруни ҳуҷраи сарду сафеди барфсон
якранг,
Ба баҳри ғуссаву дарду хаёлу ваҳм ғӯтида,
Лагадкӯбии дилро дар даруни сина
бишмурда,
Ба уммеде ба дастони табибон дӯхтам дида.

Табибо, аз таби ин зиндагӣ дон сӯзи
ҷонкоҳам,
Бупечад мисли оташ бесадо андар гулӯ
оҳам.
Ҳаметарсам, ки дил дар синаи ман аз
тапиш монад,
Шавад дар нимароҳи умр хомуш машъали
роҳам.

Даруни ҳуҷраи сарду сафеди барфсон
якранг
Зи худ пурсам, ки дар дунё чи нақше
мондаам аз худ?
Пас аз ман дар куҷо созанд аз ман
лаҳзае ёде,
Зи худсӯзиям оё нур монад дар ҷаҳон ё дуд?

# ЗАРИ ЗЕРИ ХОК

***Ба ёди духтарам Зуррина***

Номи ӯ Зуррина мондам бо ҳавас,
То кунад рангину зуррин ин ҷаҳон,
Лек ҳамчун мӯи зарри офтоб
Гашт пушти шоми кӯҳи ғам ниҳон.

Зар зи зери хок ҷӯянд одамон,
Ман зарамро гӯр кардам зери хок,
То ки дар рӯзи қиёмат ёбамаш
Ҳамчу нури раҳмати яздони пок.

## ДАРДИ ҶОН

Ба пеши ҷогаҳат биншаста то субҳ,
Бароят шеъру дастон хонда будам,
Зи шавқи хандаи мастонаи ту
Аҷоиб давру даврон ронда будам...

...Ба назди бистарат аммо ман ин шаб
Нишаста набзи қалбат мешуморам,
Ба чашмони пурашк аз чашмҳоят
Фурӯғи зиндагиро интизорам.

Ту дарди ҷон кашӣ, ман дарди ҷонат,
Худоё, дарди ҷонамро даво кун,
Ба ҳаққи он, ки раҳмону раҳимӣ,
Ту раҳме, эй Худо, бар ҳоли мо кун.



## ДАР МАЗОР

Пуштаҳои кӯзу лабҳои фурӯи қабрҳо
Медиҳанд аз пушти хона ҳар замоне
ҳушдор:
Ғӯрамаргону ҷавонмаргон -
ҷигарбандони ту
Доимо ҳастанд дар он ҷо ба роҳат интизор.

Духтари нокоми ман рӯзе, ки ҷон бар ҳақ
супурд,
Дуртар бурдам, ки то бар чашм камтар
бархурад,
Лек бо чанголи сарди хотироташ
ҳар замон
Хотирамро то ба дуриҳои гардун мебарад.

Навдаҳои беди маҷнунро, ки дар тобути ӯ
Буд чанбар, карда будам бар сари қабраш
ниҳол,
Муғчаҳои беди маҷнун, лаб кушода,
сӯхтаст,
Ёфта чун навниҳоли қоматаш он ҳам завол.

Карда будам ман алам рӯмоли ӯро бо алам,
То ки сӯям пар фишонад чун кабӯтар
гоҳ-гоҳ,
Лек дидам он алам имрӯз ҳамчун
қалби ман
Пора-пора гаштааст, афтода андар рӯи
роҳ.

Ҳар гаҳе ман бо кафи дастам бипӯшам
рӯи хеш,
Ашк сӯзонад кафи дастони ларзони маро,
Оташи дарду ғами марги азизон оқибат
Бо ҳазорон ранҷ сӯзад ин дилу ҷони маро.



# РАФТ АЗ БАРАМ

***Ба ёди Тоҷиддин Муҳиддин***

Аз кӯҳсори кишварам кони гуҳар шуд
нопадид,
Аз осмони санъати миллат қамар шуд
нопадид.

Доди Худо сӯи Худо рафту шудам аз
ӯ ҷудо,
Марди ҳунар шуд нопадид, аз чашми
тар шуд нопадид.

Бо халқ буд ӯ ҳамсадо, бо халқ буд ӯ
ҳамнаво,
Дардо, ки то рӯзи абад ӯ аз назар шуд
нопадид.

Ҳар ки ба ҷое рафт агар, охир биёмад аз
сафар,
Бахри чи, ё раб, лек ӯ дар ин сафар шуд
нопадид?

Дар Мортеппа теппае омад падид, эй
дӯстон,
Чун аз ҷаҳон он мутриби эъҷозгар шуд
нопадид.

Дар синаҳо монда алам, сӯзад ба ёди ӯ
қалам,
Баски зи дунё боз як волоназар шуд
нопадид.

Дар зулматистони ҷаҳон ин кавкаби
партавфишон,
Чанде дурахшиду сипас ҳамчун шарар шуд
нопадид.

## ХОТИРА

Хаёлолуд биншастам канори рӯди
пуртуғён,
Нигоҳам талъати нурониеро ҷустуҷӯ
мекард.
Ба ёдам омад айёме, ки устодам Ҳабибулло
Нишаста рӯи санге бо ман ин ҷо гуфтугӯ
мекард.

Кунун аз рӯи санг омад ба зери санг он
устод,
Куҷо ёбӣ дигар он хандаҳои чашми
шаҳлоро?
Куҷо кардӣ, Зиёдулло, ҳамон расми
ҷавониро,
Магар он аксро шуста ба шӯхӣ оби он
дарё?

Ба давродаври ин санги мудаввар, эй
Зиёдулло,
Бизан давру бигир имрӯз расми ин ҳама
ёрон,
Ки фардо, чун хазон гардад баҳори
зиндагии мо,
Бубинӣ бо таассуф чеҳраҳои ҳамчу гул
хандон.

## ШОҲАМБАРӢ

Мулки сафо - Шоҳамбарӣ,
Оби шифо - Шоҳамбарӣ.
Моро даво - Шоҳамбарӣ,
Доди Худо - Шоҳамбарӣ.

Туғёни қалби кӯҳро
Фаввораат бошад нишон,
Аз ҷӯши меҳри синаат
Ҷӯши ту мегардад аён.

Обе, ки берун омада
Баҳри шифои дарди мо,
Сад ранҷро таскин диҳад,
Сад дардро бахшад даво.

Ҳаргиз нашояд об гуфт,
Хуни дили кӯҳ аст он,
Бахшад шифо бар ҷону дил,
Сӯзад чу дил, ҷӯшад чу ҷон.

Эй мулки дармону шифо,
Шоҳамбарӣ, Шоҳамбарӣ,

Бо оби ҷонафзои худ,
Ҷонҳо ба ҷонон мебарӣ.

Мулки сахо - Шоҳамбарӣ,
Ҷонро даво - Шоҳамбарӣ,
Оби шифо - Шоҳамбарӣ,
Доди Худо - Шоҳамбарӣ.

## ДАФТАРАМРО ГУМ КАРДАМ...

Ногаҳон гум шуд ҳама бинвиштаам,
Донаҳои бо ҳавасҳо киштаам.

Ҷустуҷӯ кардан шуд он гаҳ кори ман,
З-он ки гум шуд дафтари ашъори ман.

Хонаамро карда яксар зеру рӯ,
Дарди қалбамро намудам ҷустуҷӯ,

Гум шуд он, ё ки парие хушхисол
Бурд онро бо ҳавас дар зери бол?

Ё ки онро бурд шайтони лаин,
Аз ҳасудиву бахиливу зи кин?

Алғараз, он дафтарам шуд нопадид,
Ҳеҷ кас дигар варо гӯё надид,
Лек аз он доғи қалби пораам,
Аз варақҳои чу дил овораам

Пора-пора монда андар ҷони ман,
Дар дили маҳзуни пурармони ман...

Дафтарам пайдо нашуд гар, бок нест,
Хотири ман з-он сабаб ғамнок нест,

Чунки бошад нусхаи он дар дилам,
Ҷумларо боз офарад аз сар дилам.



## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ СОИБ

Ҳамчу лола доғи ишқаш дар ҷигар
дорем мо,
Меҳри ӯро машъале болои сар дорем мо.
Гар зи сӯзаш дар дили худ сад асар
дорем мо,
«Шеваҳои чашми ӯро дар назар дорем мо,
Мӯ ба мӯ з-он ҷунбиши мижгон хабар
дорем мо».

Кам набинад то ки моро чашми масти
шӯхи ёр,
Мо ба роҳаш ҷони худро кардаем аз ҷон
нисор.
Он қадар афтодаем аз меҳри он гул
зери бор,
«Булбулон дар роҳи мо беҳуда
мерезанд хор,
Дидае аз домани гул поктар дорем мо».

Нури худ дуздида аз рӯи базебаш офтоб,
Сӯзи ишқаш бурдааст аз аҳли олам
хуфту хоб,

Гарчи аз мастӣ хабар орад сафои
хамри ноб,
«Завраҷи мо гарчи шуд якранги дарё
чун ҳубоб,
Ҳамчунон андеша аз мавҷи хатар
дорем мо».

Хирасӯзӣ тира созад шишаи фонусро,
Илм надҳад, зери сар монӣ ту сад қомусро,
Мард донад қимати ҳам нангу ҳам
номусро,
«Дидани мо хуштар аст аз болу пар
товусро,
Айби худро дар назар беш аз ҳунар
дорем мо».

Аз хумори чашми ӯ дунёи мо аз сар шавад,
Қалби мо чун тифли масте бе ибо аз
дар шавад,
Кош рӯзе дилбари мо ояду дилбар шавад,
«Дидаи ҳайрони моро пардаи дигар шавад,
Нусха аз рухсори ӯ чандон ки
бардорем мо».

Накҳати зулфаш кунад ширманда
мушки сударо,
Кай бубинад он назарболо мани н-осударо,
То ба кай Султон биҷӯяд он раҳи
паймударо,
«Нест осон тарки май, Соиб,
хуморолударо,
Чун аз он лабҳои майгун чашми тар
дорем мо».



# МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ЛОИҚ

Сархати рангини назму шеъру дастон,
модарам,
Синаи саршори меҳру чашмаи ҷон,
модарам,
Косаи лабрез аз ғамҳои даврон, модарам,
«Бо ду чашми хирабин нури куҳистон,
модарам,
Шуълае аз оташи оташпарастон,
модарам».

Ҷӯяи ожанги пешонӣ зи умрат ҳосил аст,
Қоматат сӯи замин аз бори ғамҳо моил аст,
Киштии бебодбонат пойбанди соҳил аст,
«Мавҷи мӯҳои сафедат аз сафедии дил аст,
Бо ҳама пажмурдагӣ сомони бустон,
модарам».

Аз ғами дилбанди худ афтодаӣ дар
банди гил,
Гармии меҳрат кунад меҳри фалакро
мунфаил,

Шуъларо тобу таби қалби ту месозад
хиҷил,
«Рӯзу шаб хобат намеояд зи сӯзишҳои дил,
Дар ғами ман кӯчахандон, хонагирён,
модарам».

Баски додӣ ҷой ту дар қалби ман меҳри
Ватан,
З-ин сабаб васфат кунам пайваста дар ҳар
анҷуман,
Ифтихорат ин ки дорӣ як гуле дар ин
чаман,
«Бингарӣ ҳар бор бар гаҳвораи холии ман,
Ёд орӣ аз ману ризқи парешон, модарам».

Аз ғами ман гӯшаи боми дилат афтидааст,
Ман надонам, ки ҷаҳонат аз ҷаҳон чӣ
дидааст?
Аз сарат бигзашт он чизе, ки пеши дида
аст,
«Аз заминларза сутуни хонаат таркидааст,
Эй сутуни рӯзгори нобасомон, модарам».

Қадди чун сарват камоносо зи бори ғам
хамид,
Коми ту аз соғари ҳастӣ шароби ғам
чашид,
Офтоби умри ту, ҳайфо, ки бар машриқ
расид,
«Як асо бори ғами пирӣ -т натвонад
кашид,
Эй сабурият фузун аз сангу сандон,
модарам».



# ДУБАЙТИҲО

Ба зини ҷоҳ бархе чун нишинанд,
Гумон созанд дар чархи баринанд.
Агарчанде ки дар рӯи заминанд,
Заминро зери пои худ набинанд.

❁ ❁ ❁

Чаро номардро мардӣ надодӣ?
Чаро бедардро дарде надодӣ?
Ба он майдонғарибу хонашерон
Чаро тоби ҳамовардӣ надодӣ?

❁ ❁ ❁

Яке ҷон дод дар роҳи адолат,
Дигар бигрифт аз ин ҷое бароҳат,
Намедонад магар он ноҷавонмард,
Ки ӯро ҳам зи пеш ояд фалокат!

❁ ❁ ❁

Фалак бар коми мо як дам нагардад,
Касе дар зиндагӣ беғам нагардад.
Биё, як лаҳза мо бе ғам нишинем,
Ғам аз ғам хӯрдани мо кам нагардад.

❁ ❁ ❁

Бигуфтам: «Аз чӣ, эй гул, рангзардӣ,
Ба як лаҳза чаро пажмурда гардӣ?»

Бигуфто: «Меравам аз даст бар даст,
Чунин карда маро оворагардӣ!»

❁ ❁ ❁

Диёрам гул буду гулбоз будам,
Чу булбул бо ғамаш ҳамроз будам.
Накардам ҳеҷ парво аз ғами дил,
Варо ман ҳамдаму дамсоз будам.

❁ ❁ ❁

Ба мулки гулпарастон оташ афтод,
Ба қалби гулбадастон оташ афтод.
Бисӯзад хонаи оташбадастон,
Ки аз онҳо ба бустон оташ афтод.

❁ ❁ ❁

Гули ман, эй гули ман, хушгили ман,
Биёву кун муаттар маҳфили ман,
Агар монанди булбул ман нанолам,
Зи андӯҳу алам таркад дили ман.

❁ ❁ ❁

Ман аз номардият беморам, эй дил,
Зи дастат доду афғон дорам, эй дил.
Суроғам кун, зи дастам гир охир,
Ки ту кардӣ ҷудо аз ёрам, эй дил!

❁ ❁ ❁

Якеро ёри ҷонӣ хондӣ, эй дил!
Дигарро аз бари худ рондӣ, эй дил,
Надонӣ кист ёру кист душман,
Миёни обу оташ мондӣ, эй дил!

❁ ❁ ❁

Танӯри синаи ман бе алав монд,
Замини киштаи ман бе дарав монд.
Аз ин даври камонбозон ба мардум
Азоби ғорату нанги гарав монд.

❁ ❁ ❁

Гаҳе чун абр бас гирён дили ман,
Зи шодӣ гаҳ чу гул хандон дили ман.
Гаҳе дар чорсӯи зиндагонӣ
Миёни чор раҳ ҳайрон дили ман.

❁ ❁ ❁

Бигӯӣ: - Номи деҳқон бас баланд аст,
Бигӯям: - Ин ҳама макр асту фанд аст.
Зи ночорӣ паи касби маош ӯ
Суҷудоранда бар досу каланд аст.

❁ ❁ ❁

Аз он ки мондаам ду пой дар гил,
Аз он ки рафтаам берун зи маҳфил,

Касеро ман намедонам гунаҳкор,
Ту аз ман нола кун, ман аз ту, эй дил!

❁ ❁ ❁

Маро обу адо кардӣ, гули ман,
Задӣ оташ ба мулку маҳфили ман.
Шавад мулку макон обод аз нав,
Зи нав обод чун гардад дили ман?!

❁ ❁ ❁

Ману ту ҳарду аз як хоку обем
Ва ё ду зарра аз як офтобем,
Вале чун хонаи мо гардад обод,
Агар нуре зи қалби ҳам наёбем?

❁ ❁ ❁

Туро ҷон гуфтаму бурдӣ ту ҷонам,
Ба теғи мижжа бубридӣ забонам.
Бисӯзӣ ё бисозӣ, ё навозӣ,
Ҳамонам ман, ҳамонам ман, ҳамонам.

❁ ❁ ❁

Аз он рӯзе, ки рафтӣ аз канорам,
Ба ҷуз ёдат дигар коре надорам.
Хазон афтид агарчи дар баҳорам,
Туро, эй ёри дерин, интизорам.

❁ ❁ ❁

Бароям муждаат овард чун бод,
Ба бӯят додам он дам умр бар бод.
Ба як нозу хумори чашмат, эй шӯх,
Ҳама буду набуди ман фидо бод!

❁ ❁ ❁

Чаро хушкида имрӯз оби дарё?
Чаро ашке надорад абри боло?
Ба мисли модари дилреши тоҷик
Варо хушкида оби чашм оё?

❁ ❁ ❁

Гаҳе турку гаҳе эронпарастем,
Гаҳе аз шавқи ҷоми рус мастем.
Аз ин ноҷӯрии аҳду амалҳо
Ба мисли луъбате дастобадастем.

❁ ❁ ❁

Чу Лоиқ шоҳини синасипар ку?
Чу Лоиқ ошиқи ин бому дар ку?
Ҳазорон шоирон рӯянду аммо
Чу Лоиқ шоири шӯридасар ку?

❁ ❁ ❁

Самарқанду Бухороро парастем,
Сафою меҳри дунёро парастем,
Вале худро агар тоҷик донем,
Душанбеи дилороро парастем.

❁ ❁ ❁

Ҷаҳон моро кунад ҳар лаҳзае пир,
Камон созад қадду болои чун тир.
Чу хоби пурмуаммоест дунё,
Куҷо ёбӣ ту бар ин хоб таъбир?

❁ ❁ ❁

Мусофирбаччагони дар ба дар мо,
Ба мулки ғайр гашта дарди сар мо.
Ба мулки мо, Худоё, файз бифрист,
Занем озод он ҷо болу пар мо.

❁ ❁ ❁

Аё модар, туро ман ёд кардам,
Вале бар кӣ бигӯям доғу дардам?
Нахоҳам рафт дигар аз барат дур,
Ба пешат гар саломат бозгардам.

❃ ❃ ❃

Ба ин ҷо зору сарсон омадам ман,
Барои луқмаи нон омадам ман.
Кушо, ё раб, гиреҳ аз банди бахтам,
Ки ин ҷо бахткобон омадам ман.

❃ ❃ ❃

Мусофирбачча омад аз раҳи дур,
Дилаш озурда, ҷонаш буд ранҷур.
Барои ризқҷӯӣ рафта буд ӯ,
Бигӯ: «Номи ғарибӣ бод дар гӯр!»

❃ ❃ ❃

Мусофирбаччаамро хоб дидам,
Ду чашми масти ӯ пуроб дидам,
Шудам бедору ҷисми хастаи худ
Дар оташ ҳамчу мӯ дартоб дидам.

❃ ❃ ❃

Сарамро бин ту дар гардун, писарҷон!
Ки бо ҳам ҳамқадем акнун, писарҷон!
Ту аз ишқи манӣ бар ман нишона,
Худо ишқат кунад афзун, писарҷон!

✽ ✽ ✽

Агар шомам наафрӯзӣ, гул, эй гул,
Илоҳо, чун дилам сузӣ, гул, эй гул,
Ба роҳат хор гаштам бо умеде,
Ки сӯям як назар дӯзӣ, гул, эй гул.

✽ ✽ ✽

Ба ман гул додӣ, эй гулрӯи барно,
Дилам гум зад аз ин гулбасти раъно.
Биё ҳамроҳи гул, гулрӯи ман шав,
Ки гулборон шавад дар манзили мо.

✽ ✽ ✽

Гулат, эй ҷони ман, пажмурда будаст,
Магар аз ёри худ озурда будаст?
Бидонистам зи ларзишҳои дастат:
Дилат чун гул дигар кас бурда будаст.

✽ ✽ ✽

Ба монанди ҳама фарзанди инсон
Маро ҳам меравад рӯзе зи тан ҷон.
Бувад ин орзӯям: чун бимирам,
Бигӯянд одамон: «Сад ҳайфи Султон!»

## МУНДАРИҶА

Зиндагӣ........................................................ 3
Қадри якдигар................................................. 4
Даври бозор ................................................... 5
Он гаҳ ба қадрам мерасӣ .................................. 6
Чӣ донӣ? ........................................................ 8
То насӯзӣ ........................................................ 9
Бегонапарастӣ................................................. 10
Бас аст............................................................ 11
Ғанимат дон ................................................... 12
Ғазали гул....................................................... 14
Орзӯи дил ....................................................... 16
Рақс кун ......................................................... 17
Мурочиат ....................................................... 18
Рӯди Чангоб ................................................... 19
Дар бемористон .............................................. 21
Зари зери хок.................................................. 22
Дарди ҷон....................................................... 23
Дар мазор ....................................................... 24
Рафт аз барам................................................. 26
Хотира............................................................ 28
Шоҳамбарӣ .................................................... 29
Дафтарамро гум кардам.................................. 31
Мухаммас бар ғазали Соиб.............................. 33
Мухаммас бар ғазали Лоиқ.............................. 36
Дубайтиҳо ...................................................... 39

*СУЛТОНМУРОДИ ОДИНА*

# МЕҲРОБИ УМЕД

Муҳаррири ороиш ***А.Муҳаммадиев***

Муҳаррири саҳифабандӣ ***М.Саидова***

Тарроҳ ***Ф. Раҳимов***

Ба матбаа 15.11.04 супурда шуд. Ба чопаш 06.12.04 имзо шуд. Андозаи 60х84$^{1}/_{32}$. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 1,5. Адади нашр 500 нусха. Супориши №37/04.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти «*ЭҶОД*» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.